# Мисоли касе, ки назди ҳудуди илоҳӣ истода (ва ба он ворид намешавад), ва онки дар он воқеъ шудааст, монанди гуруҳе аст, ки (барои нишастан) дар як киштӣ қуръа кашиданд, пас насиби баъзеҳо болои он шуд ва насиби дигарон поини он

Аз Нуъмон ибни Башир (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Мисоли касе, ки назди ҳудуди илоҳӣ истода (ва ба он ворид намешавад), ва онки дар он воқеъ шудааст, монанди гуруҳе аст, ки (барои нишастан) дар як киштӣ қуръа кашиданд, пас насиби баъзеҳо болои он шуд ва насиби дигарон поини он. Пас онон ки дар поин буданд ва ҳаргоҳ ниёз ба об мешуданд, аз назди касоне ки дар боло буданд мегузаштанд. Пас (худ ба худ) гуфтанд: Агар дар қисме ки мо ҳастем (табақаи поини киштӣ) сурохе бикунем (барои об гирифтан) ва касоне ки дар болои мо ҳастанд музоҳими онон нашавем. Ҳоло агар ононро бо қасде ки доранд раҳо кунанд, ҳама ҳалок мешаванд (касони дар боло буда ва касони дар поён будаги), Ва агар монеъи онон шаванд, ҳамаашон наҷот меёбанд".

[Саҳеҳ] [رواه البخاري]

Паёмбар (Саломру дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) барои касоне, ки ҳудуди Аллоҳро риоят мекунанд ва фармони Аллоҳро ба ҷой меоранд, амри ба маъруф ва наҳйи аз мункар мекунанд, мисол овардааст, Ва барои касоне ки дар ҳудуди Аллоҳ воқеъ мешаванд ва ба он дастдарозӣ мекунанд ва корҳои некро тарк карда муртакиби корҳои бад мешаванд ва таъсири онон дар наҷоти ҷомеъа, мисол заданд. Онон монанди касоне ҳастанд, ки савори киштӣ шуданд ва сипас қуръа андохтанд, ки кадоме аз онҳо дар болои киштӣ ва кадоми онҳо дар поини киштӣ савор мешаванд, Пас гуруҳе аз онҳо дар болои киштӣ ва гуруҳе дар поини киштӣ нишастанд. Гуруҳе ки дар поини киштӣ буданд, ҳаргоҳ мехостанд об биёранд аз назди боло будагиҳо мегузаштанд ва ононро музоҳим мешуданд, Пас ононе ки дар поин буданд бо ҳамдигар гуфтанд: Агар мо дар назди худ киштиро сурохе мекардем ва аз онҷо об мегирифтем, то ба касоне, ки дар болои мо ҳастанд ба онон зиён нарасонем. Агар онон, ки дар боло ҳастанд поин будагиҳоро раҳо мекарданд ва иҷоза медоданд, ки киштиро сурох кунанд, ҳамаашон ғарқ мешуданд, Ва агар ононро манъ кунанд, ҳамаашон наҷот меёбанд.

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY

لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC
E-Da'wah Committee